# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «29» 03 соли 2024** **№ 77/шд** **ш. Душанбе**

*Дар бораи фаъолияти шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 4 банди 18 Низомномаи муссисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, №270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар мунтазам риоя накардани талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа қабул ва баррасии диссертатсияҳо дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон манъ карда шавад.
2. Ҳимояи диссертатсияҳое, ки то имзо шудани фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ҷойгир шудаанд, тибқи муқаррарот ба роҳ монда шаванд.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) барои ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур, дар сомонаи Комиссия чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, №04.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ШУЪБАИ ТАШКИЛӢ

Нусха ба асл баробар аст